АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014

**УДК: 4 тадж. (04)+4**

**ҲИММАТИ КӮҲСОР**[1]

# СУВАРИ ХАЁЛИ МАВЛОНО ҶОМӢ ДАР ОФАРИДАНИ СИМОИ ЗУЛАЙХО

Дар мақола муаллиф, дар заминаи гуфтаи муҳаққиқини пешин ва кӯшишҳои худ, тавонистааст маҳорати суханофарини Мавлоно Ҷомиро дар иртибот бо симои Зулайхо дар «Юсуф ва Зулайхо»-и ӯ матраҳ намояд. Барои ҳарчи ҷолибтар баромадани симои Зулайхо дар ин достон шоир аз санъатҳои бадеии ташбеҳ, таҷнис, талмеҳ, истиора ва ғ. устокорона истифода намудааст.

**Калидвожаҳо:** Ҷомӣ, Зулайхо, достон, симо, маҳорат, санъатҳои бадеӣ, Қуръони маҷид, ҳадисҳо.

Достони «Юсуф ва Зулайхо» ишқӣ аст ва шуарои Машриқзамин роҷеъ ба масоили ишқӣ камтар аз адибони дигар ҷаҳон навиштаанд, лобал бо илҳом аз завқи саршортаре дар ин мавзӯъ доди сухан додаанд, ки мисолаш хеле ва хеле зиёд аст. Маснавиҳои ишқӣ, ки шеъру адаби ховариён ва бахусус адабиёти форсӣ ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳон афзудааст, ҳатто муқоиса надорад. Ба ин маънӣ, таваҷҷуҳ равад ба достонҳои ишқӣ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ, «Хамса»-и Ҳаким Низоии Ганҷавӣ, «Воиқ ва Азро»-и Айюқӣ, «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ ва.... Шеъри ғаноии ин адабиёт низ дар асл моломол аз ишқ аст, ҳам ишқи инсонӣ ва ҳам ишқи ирфонӣ . Дар сурудани достони «Юсуф ва Зулайхо» бисёре аз шуарои Ховар завқу ҳунари худро озмуда, дар баробари ин заҳамоти эҷодии худро ба ҷаҳониён арза доштанд. Дар Ховари миёна ва Ховари наздик беш аз панҷоҳ тан аз устодони сухан ва суханварони мухталиф қиссаи Юсуф ва Зулайхо ро ба назм даровардаанд. Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Абулқосим Фирдавсӣ, ки муаллифаш номаълум монда, сурудаҳои Муҳаммад Масъуди Куммӣ, Алӣ Дурбек, Шайёд Ҳамза, Мавлоно Ҷомӣ, Низоми Ҳиравӣ, Ҳозиқ ва .... . аз ҷумлаи ҷолибтарини онҳост, ки дар ховаршиносӣ бештар ёд мешаванд. Вале ҷойи таъкид аст, ки достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ аз нигоҳи маъруфият ва шуҳрат, сатҳи олии бадеият, забони баён ва вусъати интишор дар олами ховаршиносӣ ва умқи нуфуз дар миёни мардуми дигар аз ҳама осори дар ин мавзӯъ эҷодгардида бартар аст. Тибқи маълуоти ҷомишиносон ин қиссаи Мавлоно Ҷомӣ ба чанд сабаб ин мақоми баландро молик гардидааст.

Аввалан, муъҷизаосоии Ҷомӣ дар сухангустарӣ ба ҳадде аст, ки ба наҳви иҷобангез ва бо шукӯҳи хосе бартарии мусаламми худро худи матни қисса ба

[1] **Адрес для корреспонденции:** Химмати Кухсор. – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки-33. тел: 2213223.

субут мерасонад. Мазияти хоси ин достони офаридаи Мавлонои Ҷом дар шакли олии бадеӣ, тасвирҳои баланди шоирона, суханофарии балиғ ва фасеҳ, ширинӣ ва салосат, бидуни такаллуф ва мардумӣ будани он ва дасти тавоно ва устодии гӯянда дар тавсифи чеҳраҳои офаридааш аст.

Вақте ба тамоми осори манзуми Мавлоно Ҷомӣ таваҷҷуҳи амиқ равад, дида мешавад, ки вай бо сабки махсус ба худ шеър сурудааст. Вай аз рӯйи мазмун ва муҳтаво ҳар кадоме аз асари худро бо сабки ҷудогона, ки маҳзи ҳамон асар аст, нигошта. Достони «Юсуф ва Зулайхо» ҳам бо сабки хоси нигорандагӣ гуфта шуда, аз ҷиҳати сохт асари мукаммал аст ва дигар аз сабаби шуҳрати босазои ин қисса дар шеваи нигориши он арзёбӣ мегардад. Дар достон таҳкими аркони шеър, соддагии иборат ва баён, ғановати забон, пухта, рехта ва бамавриф истифода шудани саноеъи бадеӣ бо маҳорат ва устодии гуфтор тавъам омадаанд. Ҷомӣ дар «Юсуф ва Зулайхо» бо шеваи офаринанда ва халлоқ на асари таърих, балки як асари пурарзиши бадеӣ офарида, аз шарҳи тамоми қисса даргузашта, ба худ танҳо ҳаводисеро, ки мақсади ӯ аст, мунтахаб ва ба назм кашидааст. Ин ҳадафи Мавлоно Ҷомиро баъзе маворид нусхабардорони достони шоир ҳангоми рӯнависи он саҳнаҳое аз худ ба он афзудаанд. Тавре муҳаққиқи афғонӣ Муҳаммадҳусайни Беҳрӯз нигоштааст» Дар нусхае аз ин достон, ки ба соли 1273 ҳиҷрӣ дар Табрез ба нашр расида 385 байт аз ҷониби шоири номаълуме ва ё худи хаттот афзуда шудааст» [1, 25 ]. Ин донишманд ба ин гуфтаи худ меафзояд, ки «бар як нусхаи дигари «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ, ки дар китобхонаи шахсии ӯ маҳфуз аст, 193 байти изофӣ ба қаламӣ шахси номаълуме дар қарни дувоздаҳуми ҳиҷрӣ ворид гардидааст» [1, 29 ]. Ба ишораи Муҳаммадҳусайни Беҳрӯз ин қисмати изофӣ иборат аст аз қисмати марбут ба «Омадани Юсуф назди падар ва бино шудани Яъқуб ва афву бахшоиши Юсуф бародаронро» мебошад [1, 29-30]. Бешак ин изофаҳо ба на танҳо ба сабки нигориши Ҷомӣ, балки ба симоҳои офаридаи ӯ, аз ҷумла симои Зулайхо бетаъсир набудааст.

Ҳадафи аслии Мавлоно Ҷомӣ дар ин достон сухан гуфтан аз ҳусни Юсуф ва ишқи Зулайхо аст:

Чу тӯтӣ табъро созам шакархо
Зи ҳусни Юсуфу ишқи Зулайхо [2, 595]

Ин мақсади Ҷомӣ дар оғози тафсири ҳаводис ба тавсифи ин ҷиҳати умдаи симоҳои қисса ба таври зайл баён ёфтааст:

Зи маъшуқон чу Юсуф кас набуда,
Ҷамолаш аз ҳама хубон фузуда.
Зи хубон ҳар киро сонӣ надонанд
Зи аввал Юсуфи сонӣ-ш хонанд.
Набуд аз ошиқон кас чун Зулайхо,
Ба ишқ аз ҷумла буд афзун Зулайхо.
Ба тифлӣ то ба пирӣ ишқ варзид
Ба шоҳиву асирӣ ишқ варзид.
Пас аз пириву аҷзу нотавонӣ
Чу бозаш тоза шуд аҳди ҷавонӣ ….
Дар ин нома сухан ронам зи ҳар як
Ба хома гавҳар афшонам зи ҳар як [2, 596].

Аз ин абёт бар меояд, ки пояи асоси достон дар ду мафҳум; зебоӣ ва ишқ барқарор аст ва Ҷомӣ ҷуз ин ба зикри ҳаводиси дигари қисса, ки дар «Тафсири

Сураи Юсуф»-и Муҳаммад Зайди Тӯсӣ муфассал омадааст, барои асари худ эҳтиёҷе надида.

Пеш аз ҳама «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ дар навъи шеърии маснавӣ суруда шудааст. Аз ин ҷо ки маснавӣ ба лиҳози қофия маҳдудияти сойир қаволибро надорад, шеъри мавзӯъоти тӯлонӣ аст ва дар достонсароӣ аз он истифода мешавад ва аз ин рӯ маснавӣ ҳам қолаби хамоса аст ва ҳам достонҳои ғанойӣ. Ҳамчунин қолаби муносиб барои адабиёти таълимийи манзум низ маснавӣ бувад ва махсусан сӯфиёна барои ирояи омӯзаҳои ирфонии худ аз он истифода мекунанд» [3, 309-310].

Ҳамин навъи адабӣ барои гуфтани достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ созгор омадааст. Дар натиҷа достон ва баёни андешаҳои ошиқона ва сӯфиёнаи худ шоир аз вазни шеърии Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф кор гирифта, ки арконаш ин аст:

Мафо Илун / Мафо Илун / Фа Улун
Мафо Илун / Мафо Илун / Фа Улун
V--- / V--- / V--
V--- / V--- / V--

Навъи адабии маснавӣ ва вазни интихоб намудаи Мавлоно Ҷомӣ тавонистааст ба ҳамамаънӣ симои зоҳирӣ ва ботинии Зулайхоро фаро бигирад ва ба хонанда бо лаҳни зебо ва гӯшнавоз бирасонад ва ҳунарҳои адабии эҷодкорро дар маъниофарӣ ва зебоипарастӣ намоёнад. Ва ин ҳама ба шоири маъниофар имкон додаанд, ки мавридҳои зарурӣ барои равшан баён кардани матлаб – офаридани симоҳои маснавӣ, минҷумла симои ҷолибу ҷозибаноки Зулайхо, имконоти фарохтаре дошта бошад.

Чун дар достони ишқии «Юсуф ва Зулайхо» бештар таваҷҷуҳ ба симои Зулайхо аст, метавон онро аз симоҳои асосии қисса донист, зеро ҳамаи воқеаҳои он зимни фаъолияти Зулайхо мегузарад. Ҳамин Зулайхо аст, ки Юсуфро тарбия карда, ҳамин Зулайхо аст, ки баробари бакамол расидани Юсуф ошиқи шефтаи маъшуқ гардида, ҳамин Зулайхо аст, ки барои ишқи ӯро напазируфтан Юсуфро зиндонӣ карда, ҳамин Зулайхо аст, ки тамоми умр аз хобдидан то лаҳзаи ба висол расидан дар ишқ содиқ буда ва ……. Зулайхо дар ҳусну ҷамол беҳамто буд ва қадру қимати худ метавонист ва кассе аз қисса гӯёну достонсароён натавонистанд болотар аз ҳусну ҷамоли Зулайхо ҳусну ҷамоли дигареро ба тасвир кашанд. Зулайхо дар тасвири Ҷомии шоир аз ҳама зебоҳо зеботар аст. Ва ба хотири он ки суханвари Ҳиравӣ басимои Зулайхо қабои бадеъӣ пӯшонад аз саноеъи шеърӣ ҳарчӣ моҳирона истифода менамоянд. Вай дар баробари нигоҳ доштани баёни сода ва мардумӣ ба ҳусни адо ва лутфи таъбир, салосат ва балоғат дидаи амиқ дорад, тавассути устодона кор гирифтан аз сувари хаёл, яъне саноеъи шеърӣ, монандиташбеҳ ва истиора, тавсир, талмеҳ ва киноя, ташхис ва муболиға, тазод ва таҷнис, саволу ҷавоб симои Зулайхоро ҳарчӣ зебо меорояд ва суханро фасеҳ, муҳтавои қиссаро барҷаста, маъниро амиқ, матлабро возеҳ, оҳангнокии гуфторро баланд ва таъсири андешаро ҳама писанд сохта, ҳам ба лафз ва ҳам ба матни ин баён бартариятҳое дорад:

Нагунҷад дар баён васфи ҷамолаш,
Кунам табъозмоӣ бо хаёлаш.
Зи сар то по фуруд оям чу мӯяш,
Шавам равшанзамир аз акси рӯяш.
Зи нӯшин лаълаш истимдод ҷӯям,

Зи васфаш он чӣ дарғунҷад, бигӯям.
Қадар нахле зи раҳмат офарида,
Зи бустони латофат сар кашида…..
Ду гесӯяш ду ҳиндуи расансоз
Зи шамшоди сарафрозаш расан боз….
Зи бустони Ирам рӯяш намуна
Дар ӯ гулҳо шукуфта гуна-гуна.
Ду нори тоза барбаста зи як шох
Кафи умедашон набсуда густох.
[2, 98-100]

ва Ҷомӣ аз сар то ба пойи Зулайхо ро ба ҳамин равиш ба риштаи тасвир мекашад ва ҷамоли ӯро ҳар чи бардошти қудрати сухан аст, тавсиф менамояд. Вале ку қудрату тавони сухан, ки он ҳамаро фаро гирифта тавонад? Дар намунаи вафқ ба ҷуз тавсиф боз мебинем, ки шоир саноеъи шеърии таҷнис, ташбеҳ, истиора, талмеҳ, сифатчинӣ он қадар бамаврид омадаанд, ки ба шарҳашон ҳоҷат нест.

Боби «Никоҳ бастани Юсуф Зулайхо ро ва зифоф кардан бо вай», ки дар 64 байт анҷом пазируфтааст ва он ҳамаро наметавон ин ҷо иқтибос кард, тавсифи ба висол расидани Юсуф ва Зулайхо аст, ки гӯёи баланди ҳусну таровати суханварии Ҷомӣ мебошад ва назирашро ба ростӣ, ки дар «Юсуф ва Зулайхо»-ҳои то ӯ гуфташуда ва баъд аз ӯ эҷодгардида муҳол аст, ки дарёбем. Агар завқи шеъри воло доред, боре онро қироат намоед, пушаймон нахоҳед шуд. Ишқ аст, саропо ишқ ва шоир доди сухан дода. Намунаҳое барои санъати истиора:

Сиёҳиро сиришк аз наргисаш шуст,
Зи наргис зори чашмаш ёсуман руст.
[2, 334]

Дар ин намуна» наргис» ба маънии аслии худ наёмада, он ба ҷойи» чашм» истифода шудааст. Боз:

Саҳисарваш зи бори ишқ хам шуд
Сараш чун ҳалқа ҳамрози қадам шуд.
[2, 334]

Ин ҷо «саҳисарв» ба маънои қомати зебо аст ва ҳунари шоирӣ ҳам дар мавриди офаридани симо иборат аз ҳамин дониста мешавад.

Ҷомӣ то эҷоди «Юсуф ва Зулайхо» бо эҷоди осори зиёди адабӣ ва илмӣ поя бар поя «соҳиби табъи баланд, илҳоми ҷӯшон ва тахайюли бепоён буд ва бар замми ин то рӯзи навишта шудани достон …. . роҳи дурру дарози зиндагиро тай карда, улуми зиёдеро пардохта, сардӣ ва гармии рӯзгорро фаровон чашида, бо чашми ақлу хирад дунёро хуб санҷида, чандин дафтарро бо шеъру таронаҳои худ пур карда буд. Ин таҷрибаи калони зиндагӣ, илмӣ ва эҷодӣ ба ӯ имкон додаанд, ки воқеаву ҳодисаҳои зиндагӣ ва хислату кайфияти ашхосро ҳаётиву рангин тасвир намояд» [4, 98-99]. Ин дониши фарох ва таҷрибаи зиёдро Ҷомӣ дар офаридани симои Зулайхо истифода кардааст, ки ин иддаъоро аз сатр – сатри достон дармеёбем.

Мавлон Ҷомӣ дар тасвири симои Зулайхо пеш аз ҳама аз санъати шеърии ташбеҳ, ки ин санъатҳои дӯстдоштатарини суханвар дар тамоми эҷодиёташ аст, кор гирифтааст. Умуман аз ҳар саҳфаи ин қиссаи шоир аз ҳамаи анвоъи ташбеҳ метавон намунае дарёфт. Ташбеҳҳои Ҷомӣ дар ин маврид бидуни тардид ҳаёти воқеъӣ касб карда, хосият ва моҳияти ин ё он ашёро нишон

додаанд. Камтар воқеъ шуда, ки Ҷомӣ барои офаридани симои Зулайхо дар зоҳиру ботин ташбеҳҳои хаёлӣ ва сохта дошта бошад. Аз ташбеҳоти Ҷомӣ дар сифати Зулайхо:

Ду пистон, ҳар яке чун қуббаи нур
Ҳубобе хоста аз айни кофур
[2, 159]

Дигар:

Миёнаш мӯй, бал к-аз мӯй ниме
Зи борикӣ бар ӯ аз мӯй биме.
[2, 160]

Дар мисоли дувум муболиғаи ғулувв низ ҷой дорад, ки ишора бар борикии миён аст ва чи тасвири нозуке, ки миёни Зулайхо ба мӯй, бал аз он ҳам камтару бориктар ташбеҳ шудааст.

Санъати суханчинӣ дар истифодаи Ҷомӣ дар ин достон:

Ба Юсуф гуфт, к-эй аз фарқ то пой
Дилошӯбу дилорому дилорой.
Ба рух симои дигар дорӣ имрӯз,
Ҷамол аз ҷойи дигар дорӣ имрӯз.
[2, 264]

Аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар адабиёти форсӣ дучор меояд, ин санъати тазод ва муқобила аст. Дар ин саноат ба ҳам муқобил гузоштани ду андеша бар ҳамдигар аст ва ё ба таъбири дигар, сифту хислати равонии ду кас ба таври муқоиса.

Байти зер намуна бар ин гуфта бошад, ки Зулайхо дар хонаи ҳафтуми қасри худ бо нияту орзуи ба висоли Юсуф расидан ба ӯ рӯй оварда мегӯяд:

Ки эй худком, коми ман раво кун,
Ба васли хеш дардамро даво кун.
Манам ташна, ту оби зиндагонӣ,
Манам кушта, ту ҷони ҷовидонӣ.
Чунонам аз ту дур, эй ганҷи ноёб,
Ки бошад кушта бе ҷон, ташна бе об….
[2, 278]

Мавлоно Ҷомӣ барои нишон додани олами равонии Зулайхо ва ҳар чӣ равшантар намудани симои Зулайхо аз санъати саволу ҷавоб низ бо лаҳне ширини шоирона кор гирифта, ин гуфтугӯйи ӯро бо Юсуф дар боби «Омадани Зулайхо ба хилватхонаи Юсуф ва ба дуои вай бинои ва ҷамол ва ҷавонӣ боз ёфтан» зайлан ба назм кашидааст:

Чу Юсуф з-ин сухан донист, к-ӯ кист
Тараҳҳум карду бар вай зор бигрист.
Бигуфто:- «Эй Зулайхо, ин чӣ ҳол аст,
Чаро ҳолат бад-ин сон дар вубол аст?»
Чу Юсуф гуфт бо вай:- «Эй Зулайҳо»
Фитод аз по Зулайхо бе Зулайхо.
Шароби бехудӣ зад дар дилаш ҷӯш,
Бирафт аз лаззати овозаш аз ҳуш.

Чу боз аз бехудӣ омад ба худ боз
Ҳикоят кард бо вай Юсуф оғоз:
Бигуфто:- «Ку ҷавониву ҷамолат?»

Бигуфт:- «Аз даст шуд дур аз висолаш».
Бигуфто:- «Ҳам чаро шуд сарви нозат?»
Бигуфт:- «Аз бори ҳаҷри ҷонгудозат».
Бигуфто:- «Чашми ту бенур чун аст?»
Бигуфт:- «Азбаски бе ту ғарқи хун аст».
Бигуфто:- «Ку зару симе, ки будаст?
Ба фарқ он тоҷу дайҳиме, ки будат?
Бигуфт:- «Аз ҳусни ту ҳар кас сухан ронд,
Зи васфат бар сари ман гавҳар афшонд,
Сару зарро нисори пош кардам,
Ба гавҳарпошияш подош кардам…»
[2, 345]

Ин суолу ҷавоби Юсуф ва Зулайхо идома дорад ва маъшуқ аз ошиқ мепурсад, ки ҳоҷатат имрӯз чист, то баробар бикунам. Зулайхо ба Юсуф рӯй оварда мегӯяд, ки агар бо савганд зомин шавӣ бигӯям вагарна ҳеҷ. Юсуф қасам ёд мекунад ва Зулайхо аз ӯ ҷавонию ҷамол, қомати сарв ва биноӣ таманно мекунад. Юсуф бо дастгирии парвардгор бо дуъое он ҳамаро ба Зулайхо и дар аҳду вафои ишқ икто арзонӣ медорад ва зиёда аз ҳама Зулайхо ро ба никоҳи худ дармеорад ва бокирааш дармеёбад. Намунаи болоӣ ки барои санъати суолу ҷавоб иқтибос шуд, ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳи изофа надорад.

Сувари хаёли Ҷомӣ дар сурудани достон, минҷумла офаридани симои Зулайхо, ки гардонандаи чархи қисса аз оғоз то анҷом аст, бо саноъеи лафзии лаффу нашр, такрор, гардиш, тарсеъ, таҷнис на бо мақсади зоҳирпарастӣ дар шеър, бал барои рӯшантар сохтани маъонӣ, тавонмардӣ ва барҷастагии симои қаҳрамони асар, амиқ нишон додани ҳолоти рӯҳӣ ва равонии ин ё он симои асар мавриди истифода ва бояд таъкид дошт, ки истифодаи бамаврид гирифтаанд.

Санъати такрорро аз лаҳни ошиқонаи худи Зулайхо, ки бар Юсуф ишора намуда ҳар чӣ дар дил дорад ба ошиқ мегӯяд, мешунавем. Дар ин намуна бештар аз симои ботинии Зулайхо ҳосил мебардорем:

Ба ҳаққи он худое бар ту савганд,
Ки бошад бар худовандон худованд,
Ба ин ҳусни ҷаҳонгире, ки додат,
Ба ин хубӣ, ки дар ораз ниҳодат.
Ба ин нуре, ки тобад аз ҷабинат,
Ки дорад моҳро рӯ бар замин аст.
Ба абрӯйи камондоре, ки дорӣ,
Ба сарви хубрафторе, ки дорӣ …
Ба истилои ишқат бар вуҷудам
Ба истиғноят аз буду набудам,
Ки бар ҳоли мани бедил бибахшой,
Зи кори мушкилам ин уқда бикшой.
[2, 278]

Дар намунаи фавқ пешванди «Ба» санъати такрор буда, дар мисраъи «Ба сарви хубрафторе, ки дорӣ» вожаи «сарв» истиора аст, ишора бар қоматро дорад.

Ҷомӣ дар суханварӣ дар ҷой ва мақоми худ дар достони «Юсуф ва Зулайхо» аз санъати зулқофиятайн низ кор гирифта ва ба ин васила ҳар чӣ

ҷолибтар ва хотирмонтар бароямон намоёнидааст. Ин аст намунае ба санъати зулқофиятайн:

Ба захми сум чу санги хора ҳастӣ
Зи ҳар моҳи наваш сайёра ҷастӣ.
[2, 337]

Ин ҷо дар байт «хора» бо «сайёра» ва «ҳастӣ» бо «ҷастӣ» вазифаи қофияро анҷом додаанд.

Аз саноеъи лафзӣ, ки Мавлоно Ҷомӣ дар тамоми осори манзумаш зиёда мавриди корбаст қарор додааст, санъати такрор аст ва онро борҳо дар ин қиссаи пуршӯр ва пурмоҷарои ишқи Зулайхо бар Юсуф дучор омадем. Ин санъат бар он аст, ки шоир баҳри боз ҳам сареҳ ва равшан гардонидани ифодаи баёни хеш калима ё таркибе ё ибораеро интихоб менамоянд, ки андешаи зарурӣ бо он беҳтар зоҳир шавад ва дар ё чанд байт такрор ояд. Дар намунаи зер аз боби «Никоҳ бастани Юсуф Зулайхо ро ва зифоф кардан бо вай» ин масъулият бар дӯши калимаи «гоҳ» будааст:

Зулайхо мунтазир дар пардаи хос
Дили ӯ аз тапиш дар парда раққос…
Гаҳе пуроб чашаш з-ашки шодӣ
Гаҳе пурхун зи бими номуродӣ,
Гаҳе гуфтӣ, ки ман бовар надорам
Ки гардад хуш бад-ин сон рӯзгорам.
Гаҳе гуфтӣ, ки лутфи дӯст ом аст
Зи лутфи дӯст навмедӣ ҳаром аст.
Аз ин андеша хотир дар кашокаш
Гаҳе хуш буд он ҷо гоҳ нохуш.
[2, 348]

Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ дар баробари доштани сабки баланди бадеӣ бо забони аз ҳар ҷиҳат ғанӣ, ранг бар ранг, сода ва барои хосу ом фаҳмо ва фасеҳ офарида шуда, дар худ тамоми хусусияти умдаи забони замони нигорандаро фаро гирифта тавонистааст. Вай дар навбати аввал ба талаботи сарфу навҳи забони китобии форсии қарни XV милодӣ риоят кардааст ва дар истеъмоли калима, таркибу ибороти хушоҳанг, таъбирҳои мардумӣ, мақолҳои роиҷ борикбин ва нодиракор ба назар мерасад.

Ҷомӣ каломи худроончунон обу ранг медиҳад ва зебоӣ мебахшад, ки ниёзманд ва ҳаводиси қисса ва ашхоси онро, бахусус, бештар аз ҳама симои Зулайхо ро чун навори синамо ба таври мукаммал мебинад ва пеши назар ба ҷилва меорад. Истифода аз ҳикоёт, мақол ва …. . низ ба достон зебоии дигаре бахшида, ки ин паҳлуи омӯзишу доманадори мавзӯъ таҳқиқи дигаре ва чандин дафъа бештар аз ин ишораҳоро дорад интизо аст.

Билохира бояд ҳадс зад, ки «Юсуф ва Зулайхо»-и Мавлоно Ҷомӣ аз ҷиҳати шуҳрат, сатҳи волои бадеъӣ, вусъати интишор ва умқи нуфуз аз кулли достонҳо ва осори дар ин мавзӯъ иншогардида бартар меистад. Устодии муъҷизаосои Ҷомӣ дар офаридани симоҳои аслӣ ва фаръӣ, пеш аз ҳама симои Зулайхо, ки гардонандаи фаъоли қисса аст, ба ҳадде ба назар мерасад, ки ба навҳи иҷобангез ва бо шукӯҳи хосе бартарии худро ба субут расонида, дар шаклу мазмуни ниҳоят олӣ, тасвирҳои баланди шоирона, суханварии болиғ ва фасеҳ, салосат ва балоғат, бетакаллуфӣ, бамаврид истифода шудани саноеъи бадеъӣ ва…. . назир надорад. Мавсуф симои Зулайхо ро дар достон, бидуни он ки пешиниён ҳам дар тафсирҳои Қуръони маҷид, ҳам дар пораҳои алоҳидаи

маснавиҳо ва ҳам дар достонҳои комил борҳо ва батакрор ёд кардаанд, бо шеваи офаринанда ва халлоқ, бар пояи завқу сабки хеш ба назм даровардааст, ки аз достонҳои беҳтарин дар адабиёти форсӣ эътироф шудааст.

**Адабиёт**

1. Беҳрӯз, Муҳаммадҳусайн. Такмилаи «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ / Ориёно, давраи 21, шумораи 1. –Кобул. 1324,-С. 24-32
2. Ҷомии Ҳиравӣ. Маснави «Ҳафт авранг». Ба тасҳеҳи Мударриси Гелонӣ. –Теҳрон: Баъдӣ, 1350,-1154 с.
3. Шамисо, Сирус. Анвоъи адабӣ. Чопи даҳум. –Теҳрон: Фирдавсӣ, 1327.-376 с.
4. Афсаҳзод, Аълохон. «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ. –Душанбе: Дониш, 1970.-240 с.

**ХИММАТ КУХСОР**

## ОБРАЗ МЫШЛЕНИЯ МАВЛОНО ДЖАМИ В СОЗДАНИИ ОБРАЗА ЗУЛЕЙХИ

В статье автор на основе иследованеи предшественников показывает мастерство красноречие Мавлоно Джами по отношении к образи Зулейхи в одноименном поэме» Юсуф и Зулейха». Автор отмечает что А. Джами пользуется литературным жанрами такие как аллегория, намёк, иносказание и др.

**Ключивые слова:** Джами, Зулейха, поэма, образ, мастерство, литературные исскуство, Коран, хадисы.

**KUHSOR KH.**

## THE IMAJE OF THINKING OF MAVLONO JAMI IN CREATING THE ROLE OF ZULAIKHA

The author based on the work of his predeceres shows the ability of A. Jami in creating the imaje of Zulaikha in his poet“Usuf and Zulaikha”. A. Jami used different janres of literature like allegory, prompt and dialogue showing high guality of literary person.

**Key words:** Jami, Zulaikha, poet, imaje, Koran, Hadis.